***“Тоҷикистони Советӣ”,***
***21 декабри 1967, саҳ. 3***

ТАНҚИД ВА КИТОБИЁТ

## ДЕВОНИ НОДИРА Ё «ВАСФИ АМИР УМАРХОН»?

Осори шоираи дузабонаи асри XIX Нодира (1791-1842) дар таърихи тамаддуни халқи мо мавқеи баландеро ишғол накунад ҳам, омухтан ва дастраси аҳли илм гардонидани ашъори у аҳамияти муайянеро молик аст. Маҳз аз ҳамин сабаб ташаббуси пешгирифтаи номзади илмҳои филологӣ М. Қодирова дар соҳаи омузиши мероси Нодира шоистаи табрик аст. Аммо тарзу услуби омузиш ва рохи интихобкардаи ин муҳаққикро дар интишори осори шоира ҳаргиз маъқул донистан мумкин нест.

Соли 1963 М. Қодирова девонҳои тоҷикӣ ва узбекии Нодираро якҷоя ба воситаи нашриёти «Фан»-и Тошканд бо сарсухани муфассал дастраси хонандагон гардонда буд. Ҳарчанд ин нашр нашри баэьтибори илмӣ ҳисоб меёфт, муаллиф ба мадҳу санои барзиёди Нодира роҳ дода, уро дар қатори классикони адабиётҳои тоҷику узбек гузошта буд.

Ба қарибӣ нашриёти «Ирфон» девони тоҷикии Нодираро бо адади 9 ҳазор нусха аз чоп бароварда, дастраси омма намуд. Ин девон, ки 324 ғазали Нодира ва як мухаммаси ӯро бар ғазали Бедил дарбар мегирад, бо тавассути М. Қодирова ва сарсухани ӯ ба табъ расидааст.

Ҳамон навъе, ки маълум аст, Нодира ба забонҳои тоҷикию узбекӣ шеърҳо машқ мекардааст. Мувофиқи тадқиқоти М. Қодирова ин шоира бо тахаллусҳои «Макнуна», «Комила» низ эҷод менамудааст. Дар девони ӯ баъзе байтҳои нағз ва чанде ғазалҳои нисбатан дилкаш мавҷуданд.

Дар лирикаи Нодира васфи маъшуқу нолаи ошиқ аз ҳама бештар ба назар мерасад. Бемуболиға, ҳамин ду чиз тамоми устухони ашъори уро ташкил медиҳад. Байтҳои зерин ба ашъори шоирони ишқиясаро зоҳиран монандие доранд:

*«Мекашам чун субҳ шабҳо интизор,*
*То бурун ояд зи машриқ офтоб...».*
*«Чанд аз базми тараб дур намой, ман ҳам,*
*Шамъсон сӯхтаи доғи таманнои туам»* ....

Аммо мазмун, мағзи байтҳои овардашуда, руҳи ин гуна ашъор чунин гумоне ба миён меоваранд, ки онҳо аз лирикаи ҳақиқии ишқӣ, чунончи аз осори Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҳилолӣ тафовути ҷиддие доранд. Маъшуқ (бале «маъшуқ», на «маъшуқа») дар осори Нодира саркашу золим, ҷафокору ситампеша аст:

*«Ман ба хун ғалтону ӯ бар натъи гулгун хуфтааст,*
*У ба хоби нозу ман дар айни фарёду фиғон»...*

Дуруст аст, ки дар адабиёти мо барои характери образҳои дилбарон сифатҳои сернозӣ, зулмпешагӣ, ҷафокорӣ хосанд. Аммо зулмпешагии маъшуқи Нодира чизи дигарест. Ба ин фикр мисраъҳои зайл далолат мекунанд:

*«Сар ба пеш афканда ин Макнуна, зору нотавон,*
*Фикри базми васли он султони даврон мекунад».*

* * *

*«Орзу дорам, ки раҳ ёбам ба суи шаҳриёр,*
*Дидае дорам, бувад муштоқи рӯи шаҳриёр».*

Ин «шаҳриёр»-у «шаҳи комьёб»-у «султони даврон» кист? Образи «дилбарон»-и лирикаи маъмулии ишқӣ? Не!!! Байтҳои поён ба чизи дигаре ишора мекунанд:

*«Зи ҳаури шоҳ шуд андар дилам девонаги ғолиб,*
*Хамехоҳад чунунам пардаро аз ру дариданҳо».*

* * *

*«Сӯхта Макнуна аз дарди фироқ,*
*Ёди васли шоҳи даврон мекунад».*

* * *

*«Чун насозад дидаи ман гиръяи беихтиёр?!*
*Даври султони Фаридун ҳашматаш омад ба ёд»...*

* * *

*Баландиқбол шохи нуктадон, султони оламгир,*
*Кунад гардун ба чашмаш сурма хоки зери девораш!!!*

Оё калимаву ибораҳои «шоҳ», «султон», «шоҳи даврон», «султони Фаридун кашмат», «шоҳи нуктадон», «Султони оламгир» ин ҳама хитоб ба «дилбар»-и умумии лирикӣ бошад? Даҳҳо ва садҳо хитобу тавсифҳои маддоҳонаю тамаллуққорона - аз қабили «шаҳриёр», «шаҳ», «шоҳи шаҳриёр», «шаҳсавор», «шоҳи зумикдор», «султони нури чашму тоҷи сар», «ҳазрати шоҳи накумаҳзар», «нури мутлақ» «зоти бетимсол», «зоти беайб», «хони довар», «хуршеди хуби», «муҳити карам», «ҷахонгири ховар», «шохи музаффар»,

«хокими кишвар», «шохи диловар», «сарви риёзи салтанат» ва ғайра собит менамоянд, ки чунин ғазалҳо шеърҳои лирикии ишқии муқаррарӣ не, балки манзумаҳои ишқии шахсӣ (интимӣ) буда, аз авсофи дилбеҳузуркунандаи кофтоби машриқ» ҳасбу ҳол, нолаю лоба ба «даргоҳи султони олам» иборатанд.

Ин ҷо дигар шубҳае нест, ин фикрро худи Нодира ба тарзҳои гуногун гуфтааст:

*«Чамчоҳу фалакқадру ҷахонгир шаҳаншоҳ,*
*Чун ӯ ба ҷахон лоики тоҷу камаре нест».*

* * *

*«Ҳамчу нури партави хуршед андар мулки хусн,*
*Дар ҷаҳонгири амири шаҳриёре доштам».*

Саволе ба миён меояд, ки ин «амири шаҳриёри ҷаҳонгир»-и Нодира кӣ будааст? Ба ин ҳам худи шоира ҷавоб додааст:

*Чӣ сон адо нанамоем васфи шоҳ Умарро* (!!!)
*Ки бе таҷаммули у ҳусни гирудор намонад».*

Дар ҳақиқат, чунон ки аз таърих бармеояд, амири Хуқанд Умархон (соли қатлаш 1822) ҳамсари Нодира буда, «каҳрамони лирикӣ»-и Нодира ҳам ҳамин амир Умархон аст.

Модом ки ҳол чунин будааст, яъне зиёда аз навад фоизи ашъори Нодира ба васфи ҷамолу ишқбозиҳои подшоҳи даврон бахшида шуда будааст, осори ӯро бекаму кост, бе ҳеҷ гуна қайду шарт чопи оммавӣ кардан мумкин аст? Ҳаргиз не. Муҳаррири ин китоб М. Фарҳат, мудири редакция, сармуҳаррири нашриёти «Ирфон» ба чунин ҳодисаи нохуш набояд роҳ медоданд. Дар ин

масъала муносибати ленинии дар ҳар маданияти миллӣ мавҷудияти ду маданиятро сармашқи кор намудан, ба оммаи хонандагон танҳо чизҳои пешқадами мероси гузаштагонро пешкаш кардан шарт ва зарур аст.

Айни чунин камбудии ҷиддӣ дар услуби таҳқиқи муаллифи сарсухан низ дида мешавад. У мероси Нодираро бо иштиёқи зиёд таърифу таҳсин мекунад. *«Шеърҳои тоҷикии шоира, мегӯяд ӯ, мазмунан олӣ буда, санъати фатонатбахше доранд, хонандаро обу ранги онҳо мутаассир мекунад»* (саҳ. 9).

Ашъори Нодираро «мазмунан оли» гуфтан ба чашми таърих хок пошидан аст. Нодираро дорои табли равон», «дар назм ба пояҳои баланд расида аст» гуфтан душвортар аст, зеро дар девони у як катор мисраъву байтҳои носуфтаю нуқсондор ба мисли «Шоми ҳиҷронам тира шуд (!), эй моҳи тобонам биё!», «Ба ёди боги руяш булбули рангам париданҳо», «Бо (?) ду пояш харду чашми хешро созам рикэб», «Ба даври ҳусни ту он низ ҳам (??) ба гардани мост «Бо гудозад (?) шахси бетоби муориз ҳамчу мум. Дар маҷоли фаҳм то анфоси оташнок буд»; таъбирҳои нораво ҳамчун «сӯхтагонон», «ушшоқон» ва ҳоказо вомехуранд.

Маҳбуба Қодирова дар сарсухан навиштааст: «Нодира, ки иллат ва нуқсонҳои замони худро дида тавониста буд, дар эҷодиёташ нисбат ба урфу одатҳои хурофотии буғикунандаи азму ирода ва соҳибихтиёрии инсон, нисбат ба ақидаҳои динии заҳролудкунандаи шуури инсон, нисбат ба таълимоти иртиҷоии руҳониён фикрҳои пешқадами худро ба силки баён овардааст» (саҳ.12). Беасосии ин ақидаҳоро байтҳои зерини Нодира равшан нишон медиҳанд:

«*Ҷуз зи кул дуст натвон доштан чашми мурод,*
*Ҳар чи меояд ба кори банда, бошад аз худо*

* * *

*«Дон якин Макнуна гар хоҳад худой,*
*Зарраро хуршеди тобон мекунад»*

* * *

*«Ҳомии халқи ҷаҳон бош, ки ҳайёти қазо*
*Духта рузи азал хилъати шохи ба барат»*

* * *

Талқин кардани ғояҳои худоҷуӣ, парастидани худову подшоҳ нобаробарии иҷтимоӣ - ҳукмронии шохиро азалию абадӣ донистан, Умархонро замири аср», яъне сояи парвардигор номидан ба ҳеҷ ваҷҳ ҷиҳатҳои пешқадамии шахс ҳисоб ёфта наметавонанд.

М. Қодирова ғояи асосии эҷодиёти шоираро низ нодуруст ба қалам медиҳад. У навиштааст, ки «саъю кушиш барои ҳаёти саодатмандона ва мубориза барои истиқболи нек ғояи асосии эҷодиёти ӯ гардиданд» (саҳ. 16). «Сухан аз забони Луқмон хуш аст» гуфтаанд. Бубинем, ки дар хусуси мағзи асосии осораш худи Нодира чиҳо гуфтааст:

*«Мову васфи ҳусни он гулчеҳра, нест*
*Ғайр аз ин, Макнуна, дар девони мо,*

* * *

*Нест ҷуз васфи ту дар номаи аъмолам сабт,*
*Баски бо худ сухани ҳусни ту кардам такрор*

Дар адабиёти мо аз замонҳои қадим марсиясароӣ маъмул буд ва чанде марсияҳои дилошуб низ мавҷуданд. Нодира ҳам ба фавти шавҳараш тақрибан панҷоҳ марсия эҷод  намудааст, ки ҳамаи онҳоро, (ба истиснои як марсия) М. Қодирова бемавқеъ дарҷ кунондааст...

*****

Дар омузишу интишори осори намояндагони адабиёти давраҳои гузашта бедиққатию саҳлангорӣ кардан зарари калон меоварад. Дар ин масъала раҳнамои асоси бояд таълимоти абадзиндаи марксистӣ-ленинӣ бошад. Ба ёд овардан кифоят, ки Ленини аъзам Л. Н. Толстойро, аз як тараф, «санъаткори бузург», «нависандаи гениалӣ», “оинаи революцияи рус» номида бошад, аз тарафи дигар, таълимоти «толстойчигӣ»-и ӯро «утопикӣ» ва ба маънои пурраи ин мафҳум «реакционӣ» мешуморад, ки чунин меъёри баҳодиҳӣ намунаи барҷастаи ибрат мебошад. Аз рӯи ҳақиқати таърихӣ рафтор намудан, ҳодисаҳои адабию мадании давраҳои гузаштаро аз нуқтаи назари танқидӣ омӯхтан, мақоми намояндагони замонҳои пештарарo объективона нишон додан, вазифаи пуршараф ва қарзи виҷдонии ҳар як интеллигенцияи советист.

**Р. МУСУЛМОНКУЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ**